194052

Гулчеҳра Сулаймонӣ



# Лолаҳои дасти ман

Душанбе





Г. Сулаймонӣ

# ЛОЛАҲОИ ДАСТИ МАН



Государственная
респуб. библ. Тад.ССР
им. А. Фирдоуси
194052
Тадж к 2

Душанбе-98

# КӢ ОМАД?

Кӣ омаду кӣ омад?
Хандон зи дар даромад?
Дугонаҷонам омад
Рахшонаҷонам омад!
Рахшонаи балоча
Дар рӯи дасташ зоча
Як зочаи напа-нав,
Куртааш ранги алав,
Як зочаи мӯдароз,
Як зочаи пури ноз.
Дугонаҷон, дугона,
Рахшонаи ҷонона,
Биё, бидеҳ зочаро,
Зочаи балочаро.
Шӯем дасту рӯяшро,
Шона занем мӯяшро.
Аз барои ин зоча,
Ман холаву ту — оча.



# НИГОР

Очаам аз кор омад,
Бе Нигор омад,
Бе Нигори майдаяки
Беқарор омад.

Имшаб меҳмони момо,
Нигори баду бало
Гуфтам:
-- Чӣ хуб, бе Нигор,
Бе Нигори беқарор.
Хуб шуд, наомад Нигор.
Оча, фардо ҳам наёр!

Инак, таоми шом шуд,
Кори хона тамом шуд.
Дарсамро кардам тайёр,
Буд шуд ҳама кор.
Аммо чаро сарам хум?
Чиро додом карда гум?
Очам чиро меҷӯяд?
Худ ба худ чӣ мегӯяд?
Имшаб чаро хонамон
Бенуру калон?
Бозичаҳо беҷонанд?
Ҳайрону безабонанд?
Чаро ҳама ҷо хомӯш?
Чиро кардам фаромӯш?!
Якбора дилам гум зад,
Ба ёдам омад:
Шип-шипи пои Нигор,
Таронаҳои Нигор,
Саволи бешумораш,
Мӯи зангӯладораш,
Ашкони шашқатораш,
Рӯяки гул баринаш,
Хандаҳои ширинаш,
Нигоҳҳои ҳайронаш,
Ду дидаи тобонаш,
Ҳама ба ёдам омад,
Дилакам гум зад.
Гуфтам,
-- Оча, дигар бор,
Наё бе Нигор!



# КӢ ОМАД?

Кӣ омаду кӣ омад?
Хандон зи дар даромад?
Дугонаҷонам омад
Рахшонаҷонам омад!
Рахшонаи балоча
Дар рӯи дасташ зоча

Як зочаи напа-нав,
Куртааш ранги алав,
Як зочаи мӯдароз,
Як зочаи пури ноз.
Дугонаҷон, дугона,
Рахшонаи ҷонона,
Биё, бидеҳ зочаро,
Зочаи балочаро.
Шӯем дасту рӯяшро,
Шона занем мӯяшро.
Аз барои ин зоча,
Ман холаву ту – оча.



# НИГОР

Очаам аз кор омад,
Бе Нигор омад,
Бе Нигори майдаяки
Беқарор омад.

Имшаб меҳмони момо,
Нигори баду бало
Гуфтам:
-- Чӣ хуб, бе Нигор,
Бе Нигори беқарор.
Хуб шуд, наомад Нигор.
Оча, фардо ҳам наёр!

Инак, таоми шом шуд,
Кори хона тамом шуд.
Дарсамро кардам тайёр,
Буд шуд ҳама кор.
Аммо чаро сарам хум?
Чиро додом карда гум?
Очам чиро меҷӯяд?
Худ ба худ чӣ мегӯяд?
Имшаб чаро хонамон
Бенуру калон?
Бозичаҳо беҷонанд?
Ҳайрону безабонанд?
Чаро ҳама ҷо хомӯш?
Чиро кардам фаромӯш?!
Якбора дилам гум зад,
Ба ёдам омад:
Шип-шипи пои Нигор,
Таронаҳои Нигор,
Саволи бешумораш,
Мӯи зангӯладораш,
Ашкони шашқатораш,
Рӯяки гул баринаш,
Хандаҳои ширинаш,
Нигоҳҳои ҳайронаш,
Ду дидаи тобонаш,
Ҳама ба ёдам омад,
Дилакам гум зад.
Гуфтам,
-- Оча, дигар бор,
Наё бе Нигор!





# ХОНАИ БОБОМ

Канори ҷӯбор,
Сари чашмасор,
Бошад намудор,
Мавҷи сафедор --
Ораста девор
Хонаи бобом,
Хонаи бобом!

Обаки зулол,
Ҳур-ҳури шамол
Дорад ҳама сол.
Бо дили кашол
Мекунам хаёл --
Хонаи бобом,
Хонаи бобом.

Дарвозаи боз,
Ин неъмату ноз

Рӯҳои хандон,
Бӯи хуши нон,
Пур-пури меҳмон,
Хонаи бобом,
Хонаи бобом!

Чаҳ-чаҳи мурғон,
Суруди чӯпон,
Гулҳои хандон,
Қаймоқи момо
Боғи дилкушо
Хонаи бобом,
Хонаи бобом!

Аз ҳавои баҳр,
Саёҳати шаҳр,
Аз кишвари дур,
Водиҳои нур --
Ҷоҳои машҳур,
Бароям зарур.
Хонаи бобом,
Хонаи бобом!

Канори ҷӯбор,
Сояи чанор,
Бошад намудор
Мавҷи сафедор --
Кашида девор,
Мекунад ҳар бор
Маро беқарор
Хонаи бобом,
Хонаи бобом!

# КУҶО ШУДАСТ ДУРДОНА?



Бозичаҳош,
Мӯзачаҳош. --
Ҳама дар рӯи хона,
Бесару по,
Тани танҳо
Куҷо рафтаст Дурдона?

Хона холӣ,
Ҳавлӣ холӣ,
Табъи ҳама хира шуд.
Бе Дурдона,
Зеби хона
Рӯи дунё тира шуд.
Бо дили ғаш
Бар суроғаш
Хона ба хона гаштем,
Аз бари кат
Садҳо карат
Хурду калон гузаштем.

Рӯи айвон
Кати калон
Дар таги он Дурдона,
Дасташ болин,
Рӯи замин
Гӯё надорад хона!

Дар бараш
Дафтаракаш
Хобидааст гул барин.
Бар саракаш
Хайбаракаш
Худди қаровул барин.

# СИЧАРОҒ

Сичароғи чароғон
Деҳаяки фаровон,

Сари роҳи беқарор,
Умре гирифта қарор.

Оғӯши гарми ӯ боз,
Дарё ба вай ҳамовоз.

Сичароғ сӣ дар дорад,
Си чорбоғ ба бар дорад.

Сӣ айвони барҳаво,
Сӣ манзари дилкушо,

Сӣ оғилу сӣ каҳдон,
Сӣ шаршараи хандон,

Сӣ сабад кулча дорад,
Сӣ ҳавлӣ бача дорад.

Сичароғи сари раҳ
Чӣ хуш деҳи пурфараҳ.

Агар, ки меҳмон ояд,
Ба Сичароғ дарояд.

Сӣ ҳавливу сӣ айвон
Сӣ шипангу сӣ майдон,

Як хонаву дар шавад,
Меҳмондорӣ сар шавад.

Ояд рӯи дастархон
Тирамоҳи фаровон:

Сӣ хурма ҷурғота бин,
Сӣ навъи коғота бин.

Сӣ сабади кулчаҳо
Резад ба сони дарё.



# ДУНЁ ПУР АЗ ТАРОНА

Яку дуву севу чор,
Канӣ гӯед: кӣ тайёр?
Қоғазу қалам доред?
Мӯқаламро биёред.
Аввал тамошо кунед.
Назар ба дунё кунед.
Дунё пур аз афсона,
Пур бувад аз тарона.
Таронаҳоро чинед,
Бо чашми ҳавас бинед,
Ҳар чи ба дил хуш ояд,
Ҷаҳони нав кушояд,
Расми ҳамонро кашед,
Пиру ҷавонро кашед,
Мурғи ҳаворо кашед.
Манзараҳоро кашед.
Расми хони пури нон,
Сурати момои ҷон,
Қиссаву афсонаи
Рангини рӯи ҷаҳон,
Соф саморо кашед,
Шаршараҳоро кашед,
Дар рӯзи навбаҳорон
Шодии моро кашед.



# ХОЛАИ ЗАРДӮЗ

Холам зардӯз,
Ба ман тоқӣ дӯз.

Ё тоқиам дӯз,
Ё маро омӯз --

Ҷилваи зарро,
Нури ахтарро,



Шабнами рӯи
Ғунчаи тарро.

Шамсу қамарро,
Ранги саҳарро.

Холаи зардӯз,
Холаи дилсӯз,

Дар барат даме
Биншинам каме.

Бинмоям назар
Як бори дигар

Ҷилваи зарро,
Нури ахтарро,

Шабнами рӯи
Ғунчаи тарро,

Шамсу қамарро,
Ранги саҳарро.

Шояд ягон рӯз
Ман шавам зардӯз.

# БИБИҶОНАМ

Бибиҷонам меояд,
Дилу ҷонам меояд.
Аз раҳи дур меояд
Зӯру базӯр меояд,
Бибем, ояд, мо хурсанд,
Кисаҳояш пури қанд,
Мавизу мағз меорад,
Чизҳои нағз меорад.
Гапҳои бибем ширин,
Қанд барин, асал барин,
Бибем кони афсона!
Бибиҷонам ягона!

Бибиҷонам меояд.
Дилу ҷонам меояд.
Равам, кӯрпача орам,
Болишти қу гузорам,
Чояки гарм биёрам,
Нонаки нарм биёрам,
Бибиҷона шинонам,
Хафа шудан намонам.
Бибиҷони хушрӯям,
Бибеки қиссагӯям.



194052
...итобхонаи миллии Точикистон

# ЛОЛАҲОИ ДАСТИ МАН

Дишаб дида набастам,
Тамоми шаб нишастам.
Ба истиқболи баҳор
Ба дастам ҳино бастам.

Саҳар, чу аз ҷо ҷастам,
Лола дидам дар дастам.
Ду лола -- ду арғувон,
Аз рангу бӯяш мастам.

Шаб мисли ман нахуфтанд,
Дар дасти ман шукуфтанд,
Хандон-хандон субҳидам
Маро муборак гуфтанд.

Баҳори дашту даман,
Лолаҳо чаман-чаман.
Аз ҳама ҳам зебоянд
Ду лолаи дасти ман.



## ГУЛЧЕҲРА

Г-82

Лолаҳои дасти ман. Маҷмӯи шеърҳо барои кӯдакони томактабӣ.

Муҳаррир – **Юсуфҷон Аҳмадзода**
Мусаввир–ороишгар – **Соима Абдуллоева**
Мушовир – **Латофат Кенҷаева**

Ба матбаа 10. 04. 1998 супурда шуд. Ба чопаш имзо шуд 25. 04. 1998. Андозаи 60x90 1/16. Когази офсет N 1. Ҳуруфаш компютерӣ ҷузъи чопи шартӣ 1,5. Ҷузъи рангаи шартӣ 2,0. Ҷузъи нашрии ҳисобӣ 1,5. Адади нашр 3000. Душанбе – 1998. Нашриёти "Шарқи озод".
Хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16. Маҷмӯа бо дастгирии ТҒД "Истиқбол" интишор ёфтааст. ББК 84 Тоҷик 7-5.